**"ТАСДИҚ КАРДА ШУДААСТ"**
**Дар Маҷлиси умуми**
**Суратмаҷлиси № 1**
**аз «19» феврали соли 2019**

# О И Н Н О М А И
# ТАШКИЛОТИ ҶАМЪИЯТИИ
# «ИМКОН»

**2019**

## 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

1.1. Ташкилоти ҷамъиятии **«Имкон»** (минбаъд дар матн Ташкилот) Ташкилоти ҷамъиятии ихтиёрии худидоракунӣ ва ғайритиҷоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад ва вазифаҳои он тибқи ҳамин Оиннома, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" ва дигар санадҳои меъёрии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, амалӣ мегардад.

1.2. Ташкилот фаъолияташро мустақилона иҷро мекунад. Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки бо Ташкилотҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ, ки мақсад ва вазифаҳои мувофиқ доранд, ҳамкорӣ намоянд.

1.3. Ташкилот аз рӯи ӯҳдадориҳояш бо маблағҳо ва моликияти шахсии худ ҷавобгӯ мебошад.

1.4. Ташкилот аз мавриди ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш, шахси ҳуқуқӣ ба шумор рафта, дорои моликияти алоҳида, маблағҳои асосӣ ва мубодилавӣ, мувозинати мустақил, дар бонкҳо суратҳисоб, аз он ҷумла суратҳисобҳои арзӣ дошта метавонад, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба даст орад ва дар судҳо даъвогару ҷавобгар бошад.

1.5. Ташкилот бо тартиби муайяннамудаи қонун дорои мӯҳри гирд, тамға, варақаҳои махсус бо номгӯи худ, эмблемаҳо, нишонаҳои сарисинагӣ, рамзҳои худӣ ва дигар нишонаҳо мебошад.

1.6. Ташкилот фаъолияти оинномавии худро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад.

1.7.Мақомоти роҳбарикунандаи Ташкилот дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 20-ум, хонаи 35 ҷойгир мебошад.

## 2. МАҚСАД, ВАЗИФАҲО ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТ

2.1. Мақсади таъсис ва самти фаъолияти Ташкилот чунин аст: Мусоидат намудан ба рушди зеҳнии ҷомеа ва инъикоси ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандони кишвар тавассути расонаҳои иттилоотӣ мебошад.

2.2. Ташкилот барои расидан ба мақсадҳои асосӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- мусоидат дар ташкили семинар ва даврaҳои омӯзишӣ;
- пайгирии масоили иҷтимоӣ;
- мусоидат дар кор бо муҳоҷирон ва пайгирии фаъолияту зиндагии онҳо;
- мусоидат дар ташкили чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ ва иҷтимоӣ;
- мусоидат ба такмили ихтисос ва баланд бардоштани маҳорати касбии аъзоёни Ташкилот;

- мусоидат дар гузаронидани тадқиқот-пурсишҳои иҷтимоӣ;
- мусоидат дар таъсиси сомонаҳои интернетӣ, нашрия, маҷалла ва моҳномаро дорад.
- ба амал баровардани дигар намуди фаъолият, ки ба қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад;
- дигар намудҳои фаъолият, ки иҷозати махсусро талаб мекунад, дар ҳолати доштани чунин иҷозатнома амалӣ мегардад;

## 3.ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ ТАШКИЛОТ

- 3.1.Барои ноил шудан ба мақсадҳои оинномавӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошта шуда, Ташкилот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- дар хусуси фаъолияти худ аҳли ҷомеаро иттило диҳад;

- вохӯриҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо, конференсияҳоро гузаронад, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои аъзоёни худро дар Суд пешниҳод ва ҳифз намояд, созишномаҳои мухталифро бо Ташкилотҳои ҷамъиятӣ чӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ аз он батасвиб расонад.

**ӮҲДАДОРИҲО:**

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва меъёрҳои пешбиникардаи оинномаро риоя намояд;

- ҳар сол то 1 апрел ба мақомоти бақайдгиранда (Вазорати адлия) дар бораи идомаи фаъолияти оинномавии худ, бо нишон додани ҷои воқеии ҷойгиршавии мақомоти роҳбарикунанда, номи он ва дар бораи роҳбарони Ташкилот маълумот пешниҳод намояд;

- бо дархости мақомоти бақайдгиранда қарорҳои мақомоти роҳбарикунанда ва шахсони мансабдори иттиҳодияи ҷамъиятӣ, инчунин дар бораи фаъолияти худ гузориш пешниҳод намояд;

- намояндагони мақомоти бақайдгирандаро ба чорабиниҳои оммавие, ки Ташкилот мегузаронад, роҳ диҳад;

- ба намояндагони мақомоти бақайдгиранда дар кори шиносшавӣ бо фаъолияти Ташкилот вобаста ба амалӣ намудани мақсадҳои оинномавӣ ва риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад.

## 4. ШАРТҲОИ БА ДАСТ ОВАРДАН ВА АЗ ДАСТ ДОДАНИ АЪЗОГӢ

4.1. Аъзоёни Ташкилот шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон ба 18 расидааст ва шаҳрвандони хориҷие, ки доимо дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, ё гувоҳномаи иқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд, шуда метавонанд.

4.2. Ба·даст овардани аъзогӣ сарфи назар аз ҷинс, нажод ва мазҳаб ҷорӣ мегардад.

4.3. Қабул шудан ба аъзогии Ташкилот мувофиқи аризаи шахсии шаҳрвандон амалӣ мегардад.

4.4. Аъзогӣ дар Ташкилот тибқи қарори Раёсат ва тибқи аризаи шахсии аъзои Ташкилот дар бораи ихтиёран аз аъзогӣ баромадан қатъ мегардад.

4.5. Дар сурати иштирок накардани аъзои Ташкилот дар рушду равнақ ёфтан аз аъзогии Ташкилот бароварда мешавад.

4.6. Аъзоёни Ташкилот ҳуқуқ доранд:

- мақомоти роҳбарикунандаи Ташкилотро интихоб кунанд ва ба мақомоти роҳбарикунандаи Ташкилот интихоб гарданд;

- дар тамоми фаъолиятҳо ва корҳои ибтидоии Ташкилот иштирок намоянд;

- ба Мақомоти мухталифи Ташкилот оид ба масъалаҳое, ки ба фаъолияти он алоқамананд, таклифот пешниҳод намоянд.

4.7. Ӯҳдадории аъзоёни Ташкилот:

- дар фаъолияти худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи Ташкилот амал кунад;

- сари вақт аъзоҳаққиро супорад;

- қарорҳои Мақомоти роҳбарикунандаи Ташкилотро иҷро намояд;

- аз амалҳое, ки ба Ташкилот зарар мерасонанд, бояд худдорӣ кунад.

## 5. МАҚОМОТИ РОҲБАРИКУНАНДА ВА МАҚОМОТИ НАЗОРАТИЮ ТАФТИШОТӢ

5.1. Мақомоти олии роҳбарикунандаи Ташкилот Маҷлиси умумӣ ба шумор меравад.

5.2. Маҷлиси умумӣ дар як сол на кам аз як маротиба бо иштироки на кам аз 2/3 аъзо баргузор мегардад.

5.3. Салоҳияти Маҷлиси умумӣ:

- қабули оинномаи Ташкилот ва ворид кардан ба он тағйироту иловаҳо;

- интихоби Директори иҷроияи Ташкилот;

- шунидани ҳисоботи Раёсат ва комиссияи тафтишотии Ташкилот;

- интихоби мақоми роҳбарикунанда - Раёсати Ташкилот;

- интихоби раиси комиссияи тафтишотӣ ва аъзоёни он;

- муайян кардани барномаи фаъолияти Ташкилот;

5.4. Мақомоти роҳбарикунандаи Ташкилот дар давраи байни Маҷлиси умумӣ Раёсати Ташкилот ба ҳисоб меравад.

Раёсати Ташкилот ваколатдор аст, ки:

- барномаҳо ва лоиҳаҳоиояндадорро таҳия намояд;
- самтҳои асосии фаъолияти Ташкилотро муайян кунад;
- корро оиди омода сохтан ва гузаронидани чорабиниҳо ташкил кунад;
- иҷрои барномаҳои тасдиқшударо танзим менамояд.

Раёсати Ташкилот дар Маҷлиси умумӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мегардад.

Ҳайати теъдоди Раёсат дар Маҷлиси умумӣ муқаррар карда мешавад. Маҷлисҳои Раёсат дар як сол на кам аз чор маротиба ва дар ҳолатҳои зарурӣ гузаронида мешаванд.

5.5. Кори ҷории Ташкилотро байни маҷлисҳои Раёсат Директори иҷроияи Ташкилот ба анҷом мерасонад.

Директори иҷроияи Ташкилот ваколатдор аст, ки:

- Раёсати Ташкилотро даъват кунад, ҳуҷҷатҳоро иҷро созад;
- бо шаҳрвандон шартномаҳои меҳнатиро бо тасвиб расонад;
- тартиби музди меҳнатро муқаррар созад;
- барои иҷрои вазифаҳои гузоштащуда моликияту маблағҳои пулии Ташкилотро истифода намояд;
- аз номи Ташкилот шартномаҳо, созишномаҳо ва қарордодҳоро бидуни ваколатнома ба тасвиб расонад;
- фаъолияти хоҷагӣ ва молиявиро роҳбарӣ намуда, дар муносибатҳои муштарак бо Ташкилотҳои дигари ҷамъиятӣ ва давлатӣ, шахсони ҳуқуқию воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ оиди масъалаҳои фаъолият Ташкилотро муаррифӣ намояд.

Дтректори иҷроияи Ташкилот дар Маҷлиси умумӣ ба мӯҳлати панҷ сол интихоб мегардад.

5.6. Назорати фаъолияти молиявиро Комиссияи тафтишотӣ ба амал мебарорад.

5.7. Тафтиши фаъолияти Ташкилот ҳар сол гузаронида мешавад ва ҳисобот дар хусуси тафтиши гузаронидашуда ба Маҷлиси умумии Ташкилот пешниҳод мегардад.

5.8. Комиссияи тафтишотӣ дар Маҷлиси умумӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб карда мешавад.

5.9. Комиссияи тафтишотӣ аз Раис ва ду аъзои комиссия иборат аст.

## 6.МАНБАЪҲОИ ҶАМЪОВАРИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ

## ВА МОЛИКИЯТИ ДИГАР

6.1.Сарчашмаҳои ҷамъоварии моликияти Ташкилот маблағҳои шахсӣ ва ҷалбкардашуда ба шумор меравaнд.
6.2.Маблағҳои шахсӣ: ҳаққи қабулшавӣ ва ҳаққи аъзогии ихтиёрӣ ташкил медиҳанд.
6.3.Маблағҳои ҷалбкарда шуда: маблағҳое, (грантҳо, қарзҳо) ки аз иҷрои лоиҳаҳо, созишномаҳо, шартномаҳо, воситаҳое, ки аз сармоягузорон дохил шудаанд ва даромадҳои дигар мебошанд.
6.4. Ташкилот метавонад дар моликияти худ бино, иншоот, фонди манзилӣ, таҷҳизот, воситаҳои наклиёт, моликияти аҳамияти маданӣ-равшаннамоӣ ва тандурустӣ дошта, воситаҳои пулӣ, саҳмияҳо, дигар қоғазҳои қимматнок ва дигар моликият дошта бошад ё ба иҷора гирад, ки барои таъмини фаъолиятҳои дар Оинномаи мазкур пешбинӣ шуда, зарур мебошанд.

## 7. ВОҲИДҲОИ СОХТОРӢ

7.1. Ташкилот барои ноил шудан ба мақсадҳои худ ва иҷро кардани вазифаҳои гузоштaшуда дар тамоми ҳудуде, ки фаъолияташ дарбар мегирад, филиал ва намояндагиҳои худро таъсис медиҳад.
7.2. Филиал ва намояндагиҳои Ташкилот ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро надоранд.
7.3. Филиал ва намояндагиҳои Ташкилот ба амволи ба онҳо вобаста кардашуда ҳуқуқи моликиятро надоранд.
7.4. Филиал ва намояндагиҳои Ташкилот ба амволи ба онҳо вобаста кардашуда ихтиёрдорӣ мекунанд.
7.5. Воҳидҳои сохтории Ташкилот бе мақоми шахси ҳуқуқӣ фаъолияти худро дар асоси Низомнома ба амал мебароранд.
7.6. Ташкилот Филиалу Намояндагиҳои худро вобаста ба имконият дар ҳудуди чунин шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо таъсис медиҳад: шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон, ноҳияи А.Ҷомӣ.

## 8.ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

8.1. Ташкилот метавонад, ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои Оинномавии худ, ки ба хотири ин ҳадафҳо таъсис гардидааст, фаъолияти соҳибкориро ба амал барорад.
8.2. Ташкилот фаъолияти соҳибкориро тибқи қонунгузории амалкунанда ба амал мебарорад.

Даромадҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ, хоҷагидорӣ байни аъзоён ва иштирокчиёни Ташкилот тақсим нагардида, танҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавӣ истифода мешаванд.

8.3. Ба ҳайати кормандони Ташкилот (кормандони амалкунандаи доимӣ) амали Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб аст ва онҳо ҳуқуқ доранд, ки музди меҳнат гиранд.

## 9.ТАРТИБИ ДОХИЛ НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМА

9.1.Ҳамаи тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Ташкилот дар асоси қарори Маҷлиси умумӣ Ташкилот бо аксарияти овозҳо тасдиқ карда мешаванд.

9.2.Оинннома бо иловаҳо ва тағйиротҳо бояд дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба қайд гирифта шавад.

## 10. ТАРТИБИ АЗ НАВ ТАШКИЛКУНӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ТАШКИЛОТ

10.1. Қатъи фаъолияти Ташкилот дар шароитҳои зайл сурат мегирад:

**- АЗ НАВ ТАШКИЛКУНӢ** - бо қарори Маҷлиси умумӣ ҳангоми мавҷуд будани аз 2/3 овоз сурат мегирад.

**- БАРҲАМДИҲӢ** - бо қарори Маҷлиси умумӣ ҳангоми мавҷудияти аз 2/3 овозҳо ва инчунин дар мавридҳои пешбиникардаи қонун бо қарори Суд амалӣ мешавад.

10.2.Ҳангоми барҳамдиҳӣ моликияти Ташкилот, пас аз пардохти қарзҳо барои мақсадҳои пешбинишудаи Оинномаи мазкур равона карда мешавад.

10.3.Ҷараёни барҳамдиҳиро Комиссияи барҳамдиҳӣ иҷро мекунад.

"APPROVED"

On the general session

Protocol №1

dated February 19, 2019

# Charter

## of the "Opportunity" Public organization

2019

Ministry of Justice of Republic of Tajikistan

# CERTIFICATE

## ON STATE REGISTRATION OF PUBLIC ORGANIZATION

Registration number of PO 1882 April 18, 2019

**Official name of the Public association:** "Imkon" (Opportunity) Public organization

**Type of Public association:** Republican

**Legal address of the governing body of the public association:** Republic of Tajikistan, Sogd region, Khujand city, 20 microdistrict, building 35

**The main goals of the public association activities:** Promoting the intellectual development of society and coverage of social life of citizens of the country through the mass media.

---

According to the Law "On State Duty" Organization has paid 550 (five hundred fifty) somoni to state budget

**Minister** **R.SHOHMUROD**

Intourist

TRANSLATION IS CORRECT

ПЕРЕВОД ВЕРЕН

## 1. GENERAL RULES

1.1. The "Opportunity" Public organization (hereinafter referred to as Organization) is a voluntary public, non-profit organization of self-government, the goals and objectives of which are implementing in accordance with this Charter, the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Law of the Republic of Tajikistan "On Public Associations" and other international regulations recognized by the Republic Tajikistan.

1.2. The Organization operates independently. The organization has the right to cooperate with local and international organizations that have common goals and objectives.

1.3. The Organization is responsible for it's funds and personal property as part of it's obligations.

1.4. From the moment of state registration of the Organization, it is considered a legal entity, has separate property, fixed and working capital, an independent balance sheet, personal accounts in banks, including foreign currency accounts. In addition, the Organization may acquire property and non-property rights and be present in courts as a plaintiff and defendant.

1.5. According to the procedure established by law, the organization has a round seal, a stamp, special forms with it's name, emblems, breastplates, own and other various signs.

1.6. The organization carries out it's statutory activities in the territory of the Republic of Tajikistan.

1.7. The governing body of the Organization is located at the address Republic of Tajikistan, Sogd region, Khujand city, 20 microdistrict, house 35.

## 2. GOALS, OBJECTIVES AND ACTIVITIES OF ORGANIZATION

2.1. The purpose of the creation of the Organization and the direction of its activities are following:
Promoting the intellectual development of society and coverage of social life of citizens of the country through the mass media.

2.2. Organization performs the following tasks to achieve its main goals:

- assistance in organizing seminars and training periods;
- tracking of social topics;
- assistance in working with migrants and tracking their life and activities;
- assistance in organizing mass cultural and social events;
- assistance in improving the qualifications and professional skills of members of the Organization;
- assistance in conducting social research-surveys;
- assistance in creation of websites, newspapers, magazines and monthly magazines;

- carrying out another type of activity that does not contradict the current legislation of the Republic of Tajikistan;
- other activities requiring special permission are carrying out only based on such permission.

### 3. RIGHTS AND OBLIGATIONS OF ORGANIZATION

The Organization has right to:

- achieve it's statutory goals and solve the assigned tasks in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan;
- inform the public about it's activities;
- hold meetings, round tables, seminars, conferences, protect and represent the rights and interests of it's members in court, sign various agreements with public organizations, both in the territory of the Republic of Tajikistan and abroad.

The Organization is obliged to:

- comply with the Constitution of the Republic of Tajikistan, other regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan, as well as international legal acts recognized by Tajikistan and the norms provided for by the charter;
- every year until April 1 submit to the registering body (Ministry of Justice) information about continuation of it's statutory activities, indicating the actual location of the governing body and its name, as well as provide information on leaders of the Organization;
- upon the request of the registering body provide decisions of the governing body and officials of the public association, as well as a report on it's activities;
- allow representatives of the registering body to attend mass events holding by the Organization;
- assist representatives of the registering body in familiarizing with the activities of the organization in terms of implementation of the statutory goals and compliance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

### 4. TERMS OF ACQUISITION AND DEPRIVATION OF MEMBERSHIP

4.1. Citizens of the Republic of Tajikistan who have reached the age of 18 and foreign citizens permanently residing in the Republic of Tajikistan or having a certificate of stay in the Republic of Tajikistan may be considered members of the Organization.

4.2. The acquisition of membership is taking place regardless of gender, origin and religion.

4.3. Admission to the membership of the Organization is carrying out based on a personal application of citizens.

4.4. Membership in the Organization shall be terminated in accordance with the personal application of member of the Organization for voluntary withdrawal from membership.

4.5. The Organization excludes the member from membership if he is not involved in development and prosperity of the Organization.

4.6. Members of the Organization have right to:

- elect the governing body of the Organization and to be elected as the governing body of the Organization;
- take part in all activities and start-up activities of the Organization;
- submit to the various bodies of the Organization their proposals on issues related to it's activities.

4.7. Members of the organization are obliged to:

- within the framework of their activities, act in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan and the charter of the Organization;
- pay the membership fee on time;
- execute all decisions of the Governing Body of the Organization;
- refrain from actions that harm the Organization.

## 5. GOVERNING BODY AND INSPECTION BODIES

5.1. The highest Governing body of the Organization shall be considered a General session.

5.2. The general session shall be held at least once a year with participation of at least 2/3 of the members.

5.3. Powers of the General session:

- approval of the Charter of Organization and amendments and additions thereto;
- election of Executive Director of Organization;
- listening to the report of Administration and the verification committee of the Organization;
- election of the governing body - the Administration of the Organization;
- election of the chairman of the verification committee and its members;
- establishment of the program of activities of the Organization;

5.4. Between general sessions, the Governing Body of the Organization shall be deemed to be the Administration of the Organization.
The Administration of the Organization is authorized to:

- develop perspective programs and projects;
- determine the main directions of the Organization's activities;
- organize works on preparation and conduct of events;
- regulate the execution of approved programs;

The Administration of the Organization is electing on the General session for 5 years.

The members of Administration are determining on the General session. Meetings of Administration are held at least four times a year when necessary.

5.5. The current work of Organization between Administration meetings is carrying out by the Executive Director.

The Executive Director is authorized to:

- call the administration for meeting; regulate documents;
- conclude employment contracts with citizens;
- determine the procedure for payment of wages;
- use the property and funds of Organization for the fulfillment of assigned tasks;
- conclude agreements and contracts on behalf of Organization without a power of attorney;
- manage economic and financial activities, in cooperation with other public and state organizations, Tajik and foreign legal entities and individuals represent the Organization on issues of activity.

The Executive Director of the Organization is electing on General session for a term of five years.

5.6. Control of financial activities is carrying out by the Audit commission.
5.7. The audit of Organization's activities is carrying out annually, and the report on audit is submitting on the General session of Organization.
5.8. The Audit commission is electing on the General session for a period of 5 years.
5.9. The Audit commission consists of Chairman and two members of commission.

## 6. SOURCES OF FUND-RAISING AND OTHER PROPERTY

6.1. The sources of the Company's property are personal and attracted funds.
6.2. Personal funds consist of admission and voluntary membership fees.
6.3. Funds (grants, loans) obtained through the realization of projects, execution of agreements, contracts, funds received from investors and other incomed are considered attracted.
6.4. As property, the Organization may have or lease the building, facility, housing stock, equipment, vehicles, cultural, educational and health-improving property, cash, shares, other securities, as well as other type of property necessary to carry out the activities provided for in this Charter.

## 7. STRUCTURAL UNITS

7.1. To achieve its goals and fulfil its objectives, the Organization will open its branches and representative offices throughout the territory where its activities is going on.

7.2. The branch and representative offices of Organization don't have the rights of a legal entity.

7.3. Branches and representative offices of Organization don't have property rights to property tied to them.

7.4. The branches and representative offices of Organization freely use the property tied to them.

7.5. Structural units of Organization carry out their activities without a status of legal entity based on Regulations.

7.6. The Organization, as far as possible, will open its Branches and Representative Offices in the following regions: Dushanbe city, Khatlon region, A.Jomi district.

## 8. BUSINESS ACTIVITIES

8.1. The organization may carry out business activities to achieve its statutory goals.

8.2. The organization carries out business activities in accordance with the current legislation. Income from business and economic activities, not divided between members and participants of the Organization, is using only to achieve the statutory goals.

8.3. Regarding employees of the Organization (current permanent employees), the provisions of the Labor Code apply and they are entitled to receive wages

## 9. THE PROCEDURE OF INTRODUCING AMENDMENTS AND ADDITIONS TO THE CHARTER

9.1. All amendments and additions to the Charter of the Organization are approving by decision of the General session of Organization by a majority vote.

9.2. The charter with additions and amendments must be re-registered in the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan.

## 10. PROCEDURE OF RE-CREATION AND LIQUIDATION OF ORGANIZATION

10.1. The activities of Organization shall be terminated under the following conditions:

- **RE-CREATION** – it is carrying out based on decision of the General session with 2/3 votes.
- **LIQUIDATION** – it is carrying out based on decision of the General session with 2/3 votes, as well as in cases prescribed by the law based on decision of the Court.

10.2. In case of liquidation the property of Organization after paying debts will be used for the purposes provided for in this Charter.

10.3. The liquidation process is carrying out by the Liquidation commission.

Stamp

**Round stamp** - Ministry of Justice of Republic of Tajikistan

**Square stamp** - Ministry of Justice of Republic of Tajikistan, Office of State Registration of Public Organizations and Political Parties, in 8 pages, registration number 1882, dated April 18 2019, Signature of responsible person

11 . 04 2022года. Я. БОЗОРЗОДА Г.Б., государственный нотариус государственной нотариальной конторы района Фирдавси города Душанбе, свидетельствую подлинность подписи, сделанной известным мне переводчиком АБДУЛКАЮМ РУХШОНА

Зарегистрировано в реестре за № SK- 2252

Взыскано государственной пошлины:

Государственный нотариус